

Хамдиёрони гиромӣ!

Имрӯз мардуми кишвари азизамон чашни 29-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистонро тачлил намуда истодаанд. Ин санаи муборак дар таърихи навини миллати точик хамчун тавлиди давлат ва миллати точик сабт гардидааст.

Дар ин лахзахои фарахбахш Шумо хамдиёрони азизро бо хушхоливу сарфарозӣ аз номи макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия ба истикболи сазовори чашни махбуби миллат, 29-умин солгарди Истиклолияти
давлатии
Чумхурии Точикистон табрику тахният гуфта, бароятон сулху осоиш, фатху нусрат, икболи баланд ва барору комёбихои беназирро таманно менамоям.

Мавриди зикр аст, ки тахти сарварии Асосгузори сулху вахдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, фарди сулхчӯю сулхпарвар, ватандӯсту халкпарвар, эхёгари таъриху тамаддуни миллати точик, сиёсатмадори варзида ва пушту панохи
мардуми
точик мухтарам Эмомалӣ Рахмон чашни бахтофари
миллат-Истиклолияти давлатӣ ба даст омада, таъриху тамаддуни
бою рангини мардуми точик ба чахониён муаррифӣ гардид ва бахри расидан ба хадафхои неку созанда заминахои мусоид фарохам оварда шуд.

Дар зарфи 29 - сол мо падидаву омилхои сиёсиву таърихӣ ва ичтимоиву фархангии

миллиро дар мархилахои гуногуни таърихи халкамон омӯхта, бо назардошти тачрибаи давлатсозиву давлатдории кишвархои пешрафтаи чахон рохи эъмори давлати демократӣ, хукукбунёд ва дунявиро пеш гирифтем. Ба шарофати Истиклолият халки мо сохиби рамзхои давлатӣ-Парчам, Нишон ва Суруди Миллӣ гардид.

Хамаи ин пирӯзию дастовардхои начиб, роххои равону мувофик ба стандартхои чахонӣ, накбхо, Нерӯгоххои баркӣ, пулу иншоотхои азими саноатию ичтимоӣ тахти сарварии хирадмандонаи Асосгузори сулху Вахдати миллӣ-Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Рахмон сурат гирифт ва халки гавхаршиноси точик мехри ин фарди кахрамонро дар дилу дидаи худ чой дод ва дар атрофи давлату хукумати конунӣ сарчамъ шуда, бахри ободонии диёр кору фаъолият доранд.

Маврди зикр аст, ки бо сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, имрӯз кишвари азизи мо аъзои комилхукуки Созмони Миллали Муттахид буда, бо чандин кишвархо, ки дар ин ё он арса ахд ва манофеи муштарак доранд, хамкорӣ менамояд.

Бояд кайд намуд, ки Истиклолият чун хадяи бебахои таърих, неъмати бузург ва дастоварди беназир ба халки точик буда, тачлили он хамчун тантанаи давлатдории миллӣ ва санаи мубораки таърихиву сиёсӣ мебошад. Истиклолияти давлатӣ, дар эъмори давлати тозабунёди точикон ва рохи рушди устувор дар чодаи зиндагии озоду осудаи мардум мусоидат намуд. Давра ба давра расидан ба хадафхои созанда аз сиёсати окилонаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон сарчашма гирифта, ба рушду шукуфоии кишвар хаммаром гардид.

Доир ба сазовор ва дар сатхи баланд гузаронидани чашни 30-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон дар нохия накшаи чорабинихо дар хачми 390 банд ба маблаги 101 милиону 460 хазор сомонӣ ва бо таъсиси 929 чойи корӣ тасдик карда шудааст. Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Асосгузори сулху вахдати миллӣ, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар нохия корхои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати ин санаи фархунда огоз гардида, бо маром идома дорад. То ба имрӯз аз 390 банди накша-чорабинихои тасдикгардида 283 банд ба маблаги 50 милиону 33 хазор сомонӣ бо таъсиси 546 чойи корӣ ичро гардид, ки 72,5 фоизи накшаи тасдикгардидаро дар бар мегирад.

Чуноне, ки Асосгузори сулху вахдати миллӣ–Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Рахмон

кайд намудаанд: «Зафаробод диёри родмардон, афроди бонангу номус, ватандӯсту сарбаландон аст. Корномаи пуршарафи фотехони Мирзочӯли точик, махсусан наслхои калонсол, ки бо кахрамонию матонат, азму субот чунин як макони ободу дилраборо бунёд намудаанд, дар сахифахои таърихи кишвар абадӣ бокӣ мемонад».

Дар ин лахзахои тантанавӣ ман аз номи макомоти ичроияи хокимияти давлатӣ ва кулли сокинони нохия ба Хукумати Чумхурии Точикистон, макомоти ичроияи хокимияти давлатии вилояти Сугд, сохибкорону саховатмандон чихати маблаггузорӣ дар раванди ободкориву созандагии нохия сахм гузоштаанд, миннатдорӣ баён менамоям.

Бо ибрози волотарин арзишхои ин неъмати бебахои таърих - Истиклолияти давлатӣ, ки рохи дурахшони миллати тамаддунофари точикро боз намуд, Шумо хамдиёрони азиз ва кулли сокинони нохияро самимона табрику мубораквод намуда сихатмандиву сарбаландӣ, файзу нусрати зиндагиро дар хонадони хар яки шумо таманно менамоям.

Бигзор нури хуршеди Истиклол фазои муссафои Точикистонро абадан мунаввар сохта, чавхари тобноки он рузгори хар сокини кишварро файзбор намояд.

Поянда бод сулху вахдат хамдиливу хамбастагӣ ва нерӯи созандаи халки точик!

Чашни фархундаи 29-солагии Истиклолияти давлатии Чумхурии Точикистон муборак, хамдиёрони азиз!